# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи "Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 – Сабзаворкорӣ, шаҳри Душанбе, 2026 с.**

Бехпиёз дар байни зироатҳои сабзавотӣ, яке аз зироатҳои муҳим ва арзишноки соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар солҳои охир масъалаи зиёд намудани истеҳсоли бехпиёз ва таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо ин маҳсулоти пурарзиш, яке аз масъалаҳои рӯзмарра ба шумор меравад. Дар сурати кам истеҳсол намудани бехпиёз, норасогии зиёди он дар фасли зимистону аввали баҳор ба назар мерасад. Махсусан, дар даврае, ки захираҳои он дар анборхонаҳо ба охир мерасад ва ҳосили нав то ҳол пухта нарасидааст. Дар чунин ҳолат барои таъминоти аҳолии мамлакат ҳазорҳо тонна пиёз аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад.

Аз ин лиҳоз ҷиҳати бартараф кардани ин мушкилотҳо ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва истеҳсоли маҳсулоти бехпиёз, пеш аз ҳама бо роҳи интихоби навъҳои пурмаҳсули аз ҷиҳати экологӣ тоза, таҳияи технологияи мукаммалгардонидашудаи парвариш, махсусан, истифодаи нуриҳои маъданӣ ва органикӣ амалӣ гардонида мешавад.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи "Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон", ба ҳалли мушкилоти соҳаи сабзавотпарварӣ аз он ҷумла бехпиёз бахшида шуда, ба шиносномаи ихтисоси 6D080902–Сабзавотпарварӣ мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.**

Тоҷикистон яке аз марказҳои генетикии пайдоиши аксар зироатҳои кишоваразӣ, аз он ҷумла бехпиёз ба ҳисоб меравад ва ҳосили ин зироат дар истеъмоли ҳаррӯзаи аҳолӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Талаботи он ба ҳар як нафар 16 кг-ро дар як сол ташкил менамояд. Аз ин лиҳоз, дар баробари парвариши помидор, бодиринг, барои бехпиёз, тахминан 30-40 %- и заминҳои зироатҳои сабзавотӣ ҷудо карда мешавад.

Бо гузаштани иқтисодиёти кишоварзӣ ба муносибатҳои бозорӣ ва дигаргуншавии сохтори хоҷагидории кишоварзӣ, таъминоти ҷумҳурӣ бо пиёзи истеҳсоли ватанӣ нисбатан кам гардида истодааст. Сабаби асосии он, пеш аз ҳама кам гардидани майдонҳои кишт, паст шудани ҳосилнокии

бехпиёз, назорати нодурусти сифати маҳсулот ва нигоҳдории он дар анборхонаҳо ба ҳисоб меравад.

Муаллиф дар рисолааш асоснок менамояд, ки дар афзун намудани исеҳсоли бехпиёз, кишти навъҳои иқтидори баланди ҳосилнокӣ дошта ва меъёри истифодабарии нуриҳо дар кишти он нақши калидиро мебозанд. Бинобар ин, ҳадафи асосии рисолаи мазкур, ин таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бахри истифодабарӣ дар истеҳсолот ва сабзавоткорӣ равона карда шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Муаллиф асосонок мекунад, ки бори аввал дар шароити заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар асоси гузаронидани тадқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ, муҳлати оптималии кишт ва самаранокии технологияи парвариши бехпиёзро вобаста аз истифодаи меъёрҳои нуриҳои органикию маъданӣ муқаррар намудааст, ки гирифтани ҳосили баланд ва устуворро таъмин менамояд. Инчунин бори аввал таъсири истифодаи меъёрҳои нурии органикию маъданиро ба инкишофёбӣ, нашъунамо, нишондодҳои биометрӣ, таркиби кимиёвӣ, сохтори таркибии ҳосил, сифатнокии маҳсулот ва қобилияти нигоҳдории маҳсулоти бехпиёз дар сардхона исбот кардааст. Чунин таҳқиқотҳо дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ҳисобида мешаванд.

Барои расидан ба ҳадафии илмиаш, унвонҷӯ Кулиев Қ.Ҳ., чунин нуктаҳои муҳими илмиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст:

1. Такмил додани меъёрҳои истифодаи нуриҳои органикӣ ва маъданӣ барои гирифтани ҳосили баланди бехпиёз;
2. Муқаррар намудани таъсири истифодаи меъёри нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосили зироати бехпиёз;
3. Самаранокии иқтисодии парвариши бехпиёз вобаста аз таъсири муҳлати кишт ва меъёри истифодаи нуриҳои органикӣ ва маъданӣ .

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар давоми солҳои 2017 - 2020 аз ҷониби ҳайати комиссияи махсуси апробатсионии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур баҳогузорӣ карда шуда, натиҷаи он дар ҷаласаҳои кафедраҳои растанипарварӣ, ботаника ва экологияи кишоварзӣ ва дар шурои олимони факултети агрономӣ муҳокима гардидааст.

Натиҷаи тадқиқоти илмӣ бо гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ тасдиқи худро ёфтаанд. Мавзуъ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо илман асоснок гардида, натиҷаи тадқиқоти илмӣ тавассути шумораи зиёди

нашри мақолаҳо ва бароmаду маърӯзаҳо тасдиқ шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ солҳои 2019-2023 баррасӣ шудаанд.

Мушоҳидаҳои фенологӣ ва ҳисобу ченакҳо дар асоси услубҳои гузаронидани корҳои таҷрибавӣ дар сабзавоткорӣ ва полезиҳо [Методические указания по проведению научно-исследовательских работ по овощей, [1982] ва ташхисҳои агрокимиёвӣ ва биокимиёвӣ мутобиқ ба услуби пешниҳод намудаи Петербургский А.В. [1974] амалӣ шудаанд. Коркарди математикии натиҷаҳои тадқиқот бо истифода аз услуби таҷрибаҳои саҳроии Доспехов Б.А. [1985] ва самаранокии иқтисодии парвариши бехпиёз бо услуби Баранов Б.Н. ва диг. [1979] амалӣ карда шудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳо ба таҳқиқоти илмӣ асос ёфтаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, тавсифи умумӣ, шарҳи адабиёт, усулҳои гузаронидани тадқиқот ва муҳокимаи онҳо, хулоса ва пешниҳодҳои илмӣ барои истеҳсолот иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 150 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, матни он 31 ҷадвал, 9 диаграмма, тавсияҳо ба истеҳсолотро фаро гирифтааст. Феҳристи адабиёти истифодашуда аз 279 асари илмӣ, аз он ҷумла 12 адабиёти хориҷӣ иборат аст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи тадқиқот асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, обеъкту предмети тадқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадаст овардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якуми** рисолаи диссертатсионии Кулиев Қ.Ҳ. маълумотҳои зарурӣ аз адабиёти гуногуни муаллифҳои зиёди ватаниву хориҷӣ доир ба сарчашмаҳои таърихӣ дар се зербоб, аз ҷумла; зербоби якум аҳаммияти бехпиёз ва ҳудуди паҳншавии он, зербоби дуюм хусусиятҳои агрокимиёвии хок вобаста аз истифодаи нуриҳои маъданӣ ва зербоби сеюм таъсири нуриҳои маъданӣ ба ташаккулёбӣ, ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар ҳаҷми 21 саҳифа пешниҳод шудааст, ки онҳо аҳаммияти таҳлилии ин бобро пурра баён менамоянд.

**Дар боби дуюми рисола** унвонҷӯ маълумотҳои муҳимро доир ба нишондодҳои иқлим, таркиби хок, оид ба навъҳои бехпиёзе, ки дар таҳқиқот истифода шудаанд, ҳамаи усулҳои гузаронидашудаи илмиашро дар 4 зербоб овардааст. Аз ҷумла: зербоби якум шароити хокию иқлимии ҷануби Тоҷикистон ном дошта, маълумотҳои муфассал оид ба таркиби хоку иқлими минтақаи тадқиқот оварда шудааст.Зербоби дуюм - Усулҳои амалигардонии тадқиқот буда, дар ин зербоб маълумотҳо оид ба методикаи гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ пурра дарҷ карда шудааст.

Зербоби сеюм ва чоруми ин боб бошад, тавсифи навъҳои омӯхташаванда ва шароити агротехникии амалигардонии таҷрибаҳо ном дошта муаллиф дар ин зербобҳо оид ба навъҳои омухташуда ва агротехникаи парвариши бехпиёз пурра маълумот додааст.

**Дар боби сеюми** рисола натиҷаҳои ба даст овардаи корҳои илмии муаллиф таҳлил гардида, аз 5 зербоб иборат мебошад. Дар ин зербобҳо муаллиф маълумотҳои арзишноки илмӣ аз ҷумла; давраи ташаккулёбӣ ва нашъунамои бехпиёз, таъсири муҳлати кишт, ҳосилнокии бехпиёз вобаста аз муҳлати кишт ва таркиби биокимиёвии бехпиёзро вобаста аз меъёри истифодаи нуриҳои маъданӣ дар 18 ҷадвал ва 5 диаграма пурра таҳлилу натиҷагирӣ намудааст.

Дар ин қисми диссертатсия муаллиф сабзишу инкишоф ва ҳосилнокии бехпиёзро вобаста аз муҳлатҳои кишт ва нуриҳои маъданӣ дар чор вариант баҳогузорӣ намудаастд. Муаллиф қайд менамояд, ки аз ҳама ҳосили баланди навъи “Испанӣ 313” дар байни вариантҳои омӯзишӣ дар вақти истифодабарии меъёри пурраи нуриҳои маъданӣ - $N_{240}P_{90}K_{90}$ рӯёнида шуд, ки ин нисбат ба варианти назоратӣ 25,5 т/га ё 114,0 %, нисбат ба варианти $P_{60}K_{60}$ (дуюм) -14,4 т/га ё 62,4 % нисбат ба варианти $N_{120}P_{60}K_{60}$ (сеюм) 10,9 т/га ё 29,5 % ва нисбат ба варианти $N_{180}P_{90}K_{60}$ (чорум) 5,5 т/га ё 13,0 % зиёд мебошад.

**Боби чоруми** рисола ҳосилнокии бехпиёз вобаста аз таъсири истифодаи нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ном дошта, 6 зербобро дар бар мегирад. Дар ин боб муаллиф оид ба ҳосилнокӣ ва самараи иқтисодии бехпиёзро вобаста ба таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ муайян намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Дар натиҷаи таҷрибаи гузаронида муаллиф исбот намудааст, ки дар байни вариантҳои омӯхташуда аз ҳама самаранокии иқтисодии баланд дар вақти истифодаи нурии маъданӣ бо меъёри $N_{240}$ $P_{120}$ $K_{90}$ ба даст оварда шуд. Дар ин вақт даромади соф аз ҳар як гектар ба 73763 сомонӣ, сатҳи даромаднокӣ ба 194,9% ва арзиши аслии 1 сентнер маҳсулот ба 33,9 сомонӣ баробар гардидааст.

**Дар боби панҷуми рисола** хулосаҳои арзишманд доир ба натиҷаҳои ба даст омадаи корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ мухтасар баррасӣ гардидааст.

**Хулоса** аз 12 банд иборат буда, асоси натиҷаҳои бадастомада ҳисобида мешавад.

Диссертатсия бо се тавсияҳои судманд оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот дар истеҳсолот ҷамъбаст гардидааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти тадқиқот аз он иборат мебошад, ки дар натиҷаи гузаронидани

тадқиқоти илман асоснок, меъёрҳои истифодаи оптималии нуриҳои органикию маъданӣ, интихоби навъ, муҳлати кишт, нигоҳдорӣ ва сифати маҳсулоти бехпиёз барои истеҳсолот таҳия ва тавсия карда шудааст. Муқаррар карда шуд, ки ҳосили баланд ва устувори бехпиёз дар вақти якҷоя истифода намудани нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба даст оварда мешавад.

Усулҳои дар рафти тадқиқот кор карда баромадани парвариши бехпиёз дар истеҳсолоти Кооперативи истеҳсолию тиҷоратии "Сайид Алии Ҳамадонӣ", дар майдони зиёда аз 50 га мавриди амал қарор дода шудааст.

**Нашри натиҷаҳои тадқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. .** Дар асоси маводҳои рисола 17 маводҳои илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ.** Диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи "Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 – Сабзавоткорӣ дар асоси талаботҳои "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия", ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба Талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатиҳои оморӣ, имлои граматикӣ ҷой доранд, ки онҳоро метавон чунин баён намуд:

1. Дар зербоби 2.1, ҷадвали 1- реҷаи гармӣ ва микдори боришоти атмосферӣ дар солҳои тадқиқот тибқи маълумотҳои Маркази обу ҳавосанҷии шаҳри Кӯлоб нишон дода шудааст. Қимати миёнаи бисёрсолаи ҳарорат ва боришот такроран дар диаграммаи 1 ва 2 оварда шудааст. Хуб мешуд, ки маълумотҳоро дар ҷадвал ё диаграмма нишон медодед.
2. Дар боби 3 ва 4-и рисола шумораи ҷадвалҳо хеле зиёд ( 29 ҷадвал ва 7 диаграмма) оварда шудааст. Хуб мешуд маълумотҳои ду ҷадвали ҳаммафҳумро якҷо мекарданд, таҳлили бобҳоро содатар мегардонид.

3. Миқдори витамини С ва нитратҳо дар таркиби бехпиёз бо кадом усул муайян карда шудааст, дар диссертатсия оварда нашудааст.

4. Дар рисола ва автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳо ва камбудиҳои дар боло зикршуда, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса.** Дар маҷмуъ, диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи “Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон” ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 – Сабзавоткорӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии бисёрсола ба шумор рафта, дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 – Сабзавоткорӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва экологияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Мирзоев Ш.Д.

26-уми январи соли 2026

*Суроға:* 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи М. Қосимов 5/3, хонаи 46. Тел. (+992) 93-513-09-43; E-mail: www: shudjoatbek60@mail.ru

Имзои Ш.Д Мирзоев -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

*Суроғаи муассиса:* 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/5, Тел: (+ 992 37) 234-88-24; E-mail: www: iutet.tj